# ХУЛОСАИ КОМИСССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» дар он ифода меёбад, ки нахустин пажуҳиши илмӣ дар илми назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Дар тӯли таърихи инсоният халқҳо ва миллатҳои зиёде вобаста ба шароити муайяни замонӣ, маконӣ, зеҳнӣ ва воқеӣ кӯшиш кардаанд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба расмият шиносанд ва ҳимоя намоянд, аммо ин талошҳо на ҳамеша бо муваффақият анҷом ёфтаанд. Бо ифтихор метавон гуфт, ки миллати тоҷик дар ҷараёни таърих бо хирадмандӣ ва дурандешии худ тавонистааст на танҳо ҳуқуқу озодиҳои инсонро эътироф ва ҳифз намояд, балки барои рушди минбаъдаи андешаи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои Ғарб ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон низ роҳ кушояд.

Дар ҳамин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маврид таъкид менамоянд, ки гарчанде илми ҳуқуқшиносии кишварҳои Ғарб қонунҳои асосиро ҳамчун сарчашмаи ибтидоии эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешиносад, миллати тоҷик низ дар ин раванд нақши муҳим доштааст. Дар ин робита ишора ба Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки беш аз дувуним ҳазор сол пеш қабул гардида буд, далели равшан аст. Ҳамчунин таъкид мешавад, ки ин эъломия эҳтимол яке аз аввалин қадамҳо дар роҳи ташаккули ҷомеаи дунявӣ ва адолатмеҳвар дар таърихи бостон буда, баъдтар тавассути мутафаккирони Юнон ва Рим ба Аврупо интиқол ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва инсонгароро фароҳам овардааст.

Аз ин андешаҳои илмӣ ва таҳлилҳои амиқи Пешвои миллат, ки бар асоси омӯзиши сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дидгоҳҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ баён шудаанд, метавон ба чунин хулоса омад, ки тоҷикон дар зумраи миллатҳои пешсафи ҳуқуқофар ва адолатпарвар қарор доранд. Бо вуҷуди ин, мутаассифона, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши бархӯрди манфиатҳо миёни субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, бузургӣ ва арзишҳои инсонгароёнаи ин миллати куҳан то андозае аз диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ дур мондааст. Аз ин рӯ, имрӯз зарур аст, ки дар баробари дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, илми ҳуқуқшиносӣ низ дар муаррифии шоистаи

миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ, бахусус дар самтҳои ҳуқуқофаринӣ, татбиқи ҳуқуқ, инсонпарварӣ, қонунгузорӣ ва адолатҷӯӣ, нақши муассири худро иҷро намояд.. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар Шурои диссертстсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад. Навгонии таҳқиқоти мазкур дар баррасии мукаммал ва илмии масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар заминаи мероси таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик ифода меёбад. Дар доираи таҳқиқот бори аввал нақши арзишҳои ҳуқуқофаринӣ ва инсонпарваронаи ниёгони тоҷик, аз ҷумла Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, на танҳо ҳамчун падидаи таърихӣ, балки ҳамчун сарчашмаи таъсиргузор ба ташаккули андешаи муосири ҳуқуқи инсон мавриди таҳлили низомнок қарор дода мешавад.

Ҳамчунин, дар таҳқиқот робитаи мантиқӣ ва таърихии ин мероси ҳуқуқӣ бо равандҳои минбаъдаи инкишофи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои Ғарб ва ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон дода шуда, дидгоҳи нав нисбат ба ҷойгоҳ ва саҳми миллати тоҷик дар рушди тамаддуни ҳуқуқӣ пешниҳод мегардад. Навгонии дигар дар он аст, ки масъалаи муаррифии ҳуқуқии миллати тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ аз мавқеи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ шуда, роҳҳо ва заминаҳои тақвияти нақши Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ дар самти қонунэҷодкунӣ, адолатпарварӣ ва инсонпарастӣ асоснок карда мешаванд.

Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ баррасӣ карда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқ мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Қодирзода Ғолиб Нурулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлати-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Шарофзода Р.Ш.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Назаров А.Қ.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Куканов А.З.

Имзоҳои Шарофзода Р.Ш., Назаров А.Қ.
ва Куканов А.З.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«30» 01 2026